# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии таъмини бехатарии радиатсиониро муқаррар намуда, ба таъмини ҳифзи саломатӣ ва молу мулки аҳолӣ, ҳамчунин муҳити зист аз таъсири зараровари факанишоти инофар равона шудааст (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

заминаи радиатсионии табиӣ - миқдори афканишоте, ки тавассути афканишоти кайҳонӣ ва афканишоти радионуклеидҳои табиат ба миён омада, ба таври табиӣ дар замин, об, ҳаво, дигар унсурҳои биосфера, маводи ғизоӣ ва организми инсон тақсим мешаванд;

афканишоти ионофар - афканишоте, ки ҳангоми таҷзияи радиоактивӣ, табдилёбии ядроӣ, боздории зарраҳои заряддоршудаи дар модда ба вуҷуд омада, ҳангоми таъсири мутақобила ба муҳит, ионҳои аломатҳои гуногундоштаро ба миён меоваранд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

манбаи афканишоти ионофар - дастгоҳ ва (ё) моддаи радиоактивие, ки шуои радиоактивӣ меафканад ва ё қобилияти чунин афканишотро дорад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

истифодабарандагони манбаъҳои афканишоти ионофар - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки манбаъҳои афканишоти ионофарро истихроҷ, истеҳсол, тайёр, коркард ва истифода намуда, нигаҳдорӣ ё хизматрасониро ба ҷо оварда, интиқол ва безарар мегардонанд ё онҳоро гӯр мекунанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

кормандон - шахсоне, ки доимӣ ё муваққатӣ бевосита бо манбаъҳои техногении афканишоти ионофар кор мекунанд ё вобаста ба шароити кор дар фазои таҳти таъсири он қарор доранд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

садамаи радиатсионӣ - аз даст додани идораи манбаи афканишоти ионофаре, ки бо сабаби вайронии таҷҳизот, амали нодурусти кормандон, офатҳои табиӣ ё дигар сабабҳо рух додааст ва боиси беш аз меъёрҳои санитарӣ шуоъхӯрии одамон ё олудагии радиоактивии муҳити зист гардидааст ва ё метавонад сабабгори он гардад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

бехатарии радиатсионии аҳолӣ - ҳолати ҳимояи насли имрӯза ва ояндаи инсоният аз таъсири зараровари афканишоти ионофар ва андешидани маҷмӯи чорабиниҳое, ки шуоъхӯрӣ ва олудагии радиоактивии кормандон, аҳолӣ ва муҳити зистро то сатҳи нисбати паст маҳдуд месозад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

моддаҳои радиоактивӣ - маводҳое, ки дар таркибашон унсурҳои кимиёвӣ дошта, ядрои онҳо қобилияти худ аз худ коҳишёбӣ дорад;

минтақаи санитарию муҳофизатӣ - ҳудуди атрофи муассиса ё манбаи афканишоти ионофар, ки дар он сатҳи шуоъхӯрии одамон дар шароити мӯътадили истифодаи чунин манбаъ, метавонад аз меъёри санитарии муқаррааргардидаи ниҳоии миқдори шуоъхӯрӣ барои аҳолӣ бештар бошад ва дар он низоми маҳдуди фаъолияти хоҷагидорӣ муқаррар гардида, назорати радиатсионӣ анҷом дода мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

минтақаи назорат - ҳудуди берун аз минтақаи санитарию муҳофизатӣ қарордошта, ки дар он мониторинги радиатсионӣ сурат мегирад;

назорати радиатсионӣ - ба даст овардани ахборот оид ба вазъи радиатсионӣ дар ташкилот, муҳити зист ва сатҳи шуоъхӯрии одамон;

шуоъхӯрии табиӣ - шуоъхӯрие, ки тавассути манбаъҳои табиии афканишот ба миён омадааст;

радионуклиди табиӣ - навъи атомҳо бо шумораи муайяни протонҳо ва нейтронҳо мебошад, ки дар ядро бо миқдори зиёд ва рақами атомӣ нишон дода шуда, дар муҳити муқаррарии табиие, ки қобилияти хориҷ намудани шуоҳои радиоактивиро дорад, мавҷуд аст;

шуоъхӯрии техногенӣ - шуоъхӯрӣ аз манбаъҳои техногенӣ, чи дар шароити муқаррарӣ ва чи дар шароити садамаҳо, ба истисноӣ шуоъхӯрии тиббии беморон;

шуоъхӯрии тиббӣ - шуоъхӯрии беморон дар натиҷаи муоинаи тиббӣ ё муолиҷа;

шуоъхӯрии касбӣ - шуоъхӯрии ҳайати кормадон дар ҷараёни кор бо манбаъҳои техногении афканишоти ионофар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

муносибат бо партовҳои радиоактивӣ - ҳама гуна намуди фаъолият вобаста ба ҷамъоварӣ, ҳамлу нақл, коркард, нигаҳдорӣ ва (ё) гӯронидани партовҳои радиоактивӣ (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

заминаи радиатсионии аз нигоҳи техногенӣ тағйирдодашуда - муҳити табиии радиатсионие, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон тағйир ёфтааст;

бехатарии радиатсионӣ - маҷмӯи чорабиниҳое, ки муносибати бехатарро бо маводи ядроӣ таъмин менамояд;

маводи ядроӣ - маводе, ки моддаҳои ядроӣ доранд ва ё қобилияти аз нав ҳосил кардани маводи ядроии таҷзияшавандаро доранд;

зиверт (Зв) - воҳиди миқдори эквивалентии афканишоти радиоактивӣ, ки дар системаи байналмилалӣ (СИ) қабул шудааст;

миқдори ниҳоӣ - андозаи таъсири афканишоти ионофар, ки ҳамчун чораи хатари ба миён омадани оқибатҳои минбаъдаи шуоъхӯрии организми инсон ё узвҳои алоҳидаи он, бо назардошти ҳассосияти радиатсионии ӯ истифода мегардад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

мониторинги радиоэкологӣ - системаи муоинаи махсуси бехатарии радиатсионии ҳайати кормандон, аҳолӣ ва муҳити табиии зист;

гӯронидани партовҳои радиоактивӣ - ҷойгиркунонии бехатари партовҳои радиоактивӣ, бе дарназардошти минбаъд хориҷ кардани онҳо;

шаҳодатномаи радиатсионии гигиении ташкилот - ҳуҷҷате, ки ҳолати бехатарии радиатсиониро дар ташкилот тавсиф намуда, тавсияҳоро ҷиҳати беҳбудии он зикр менамояд;

шаҳодатномаи радиатсионии гигиении ҳудуд - ҳуҷҷате, ки ҳолати бехатарии радиатсионии аҳолии ҳудудро тавсиф намуда, тавсияҳоро ҷиҳати беҳбудии он зикр менамояд;

дезактиватсия - дур кардани олудаҳои радиоактивӣ аз объектҳои олудашуда.

**Моддаи 3. Принсипҳои таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Принсипҳои асосии таъмини бехатарии радиатсионӣ аз инҳо иборатанд:

принсипи асосноксозӣ - манъи ҳама гуна навъи фаъолият вобаста ба истифодаи манбаҳои афканишоти ионофар, ки ҳангоми он миқдори аз хатари зарари имконпазир гирифтаи инсон ва ҷомеа бар замми заминаи

радиатсионии табиии расонидашуда бештар намебошад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

принсипи мутаносибгардонӣ - зимни истифодаи ҳама гуна манбаъҳои афканишоти ионофар дар сатҳи нисбатан паст нигоҳ доштани миқдори инфиродии шуоъхӯрӣ ва теъдоди шахсони шуоъхӯрда ба андозаи барои саломатии шаҳрвандон безарар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

принсипи бамеъёрдарорӣ - аз ҳамаи манбаъҳои афканишоти ионофар зиёд набудани миқдори инфиродии иҷозатдодашудаи шуоъхӯрии шаҳрвандон, ки барои саломатии онҳо хатарнок нест(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

принсипи ҳимоя - ташкили системаи ҳимояи радиатсионии ҳайати кормандон, аҳолӣ ва ҳудуд дар асоси расонидани кӯмаки ҳатмӣ ба зарардидагон, андешидани тадбирҳо оид ба рафъи оқибатҳои садамаҳои радиатсионӣ ва дезактиватсияи муҳити табиии зист.

Ҳангоми садамаҳои радиатсионӣ системаи бехатарии радиатсионии аҳолӣ ба принсипҳои зайл асос меёбад:

чорабиниҳои дар назар дошта оид ба рафъи оқибатҳои садамаи радиатсионӣ, ки бояд нисбат ба зарар фоидаи бештаре дошта бошанд;

намуд ва доираи фаъолият ҷиҳати рафъи оқибатҳои садамаҳои радиатсионӣ бояд тарзе амалӣ гарданд, ки фоида аз паст кардани миқдори афканишоти ионофар, ба истиснои зарари тавассути чунин фаъолият расонидашуда, ба таври ниҳоӣ бошад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

## БОБИ 2. ТАНЗИМ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

### Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

### Моддаи 5. Вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ

Ба вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ дохил мешаванд:

муайян кардани сиёсати давлатӣ ва татбиқи он;

таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, назорат ба риояи онҳо;

таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳо;

муайян кардани намудҳои фаъолият дар соҳаи муомилот бо манбаъҳои афканишоти ионофар, ки қобили гирифтани иҷозатнома (литсензия) мебошанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

муқаррар кардани тартиби муайян намудани намудҳо ва андозаи ҷуброн барои хатари зиёди расонидани зарар ба саломатии шаҳрвандон ва амволи онҳо, ки бо таъсири радиатсия вобастааст;

муқаррар кардани тартиби додани товони зарар ба саломатии шаҳрвандон ва амволи онҳо, инчунин ба амволи шахсони ҳуқуқӣ дар натиҷаи садамаи радиатсионӣ;

ташкил ва таъмини амали низоми ягонаи идораи давлатӣ, аз ҷумла назорат ва баҳисобгирии миқдори шуоъхӯрии аҳолӣ;

ташкил ва таъмини амали низоми ягонаи баҳисобгирӣ ва назорати манбаъҳои афканишоти ионофар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои фаврӣ оид ба ҳифзи радиатсионии аҳолӣ дар шароитҳои фавқулодда;

ҷорӣ намудани низоми махсуси сукунати шаҳрвандон дар минтақаҳои дигари олудагии радиоактивишуда дар натиҷаи садамаи радиатсионӣ;

назорати расонидани ёрӣ ба аҳолии дучори шуоъхӯрӣ гашта, дар натиҷаи садамаи радиатсионӣ;

танзими содироту воридоти манбаъҳои афканишоти ионофар, инчунин анҷом додани назорат ба ҳамлу нақл ва транзити онҳо;

муайян кардани тартиби гӯрондани манбаъҳои афканишоти ионофар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

иҷрои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ.

**Моддаи 6. Танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Танзими давлатиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мақомоти ваколатдори давлатӣ тартиби амали мутақобила ва маҳдудгардонии вазифаҳои онҳоро дар мавридҳои зерин муайян мекунад:

ҳифзи саломатии аҳолӣ аз таъсири афканишоти ионофар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

таъмини бехатарии радиатсионӣ ва иҷозатномакунонии (литсензиякунонии) намудҳои фаъолият ба истифодаи манбаъҳои радиоактивӣ алоқаманд;

пешгирӣ кардан аз олудагии радиоактивии объектҳои муҳити атроф ва назорат ба манбаъҳои табиии афканишот иионофар(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Мақоми танзимкунандаи давлатӣ оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ Оҷонсии амнияти ядрой ва радиатсионӣ дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, минбаъд мақоми танзимгар номида мешавад, ки сиёсати ягонаи давлатиро пеш мебарад, кори дигар мақомоти ваколатдори давлатиро ҳамоҳанг месозад ва инчунин:

иҷозатномадиҳии (литсензиякунонии) намудҳои фаъолияти истифодаи моддаҳои радиоактивиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад;

меъёрҳо ва қоидаҳоеро, ки ба бехатарии радиатсионӣ, ҳифзи ҷисмонӣ ва банақшагирии зидди садама, баҳисобгирӣ ва назорат ба манбаъҳои афканишоти ионофар алоқаманданд, тасдиқ менамояд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

ба иҷрои меъёр, қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ ва шартҳои иҷозатнома (литсензия) назорат мекунад;

ба кормандоне, ки дар объектҳои истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар машғул мебошанд, талаботи касбӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 7. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Ба салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дохил мешавад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190):

таҳия ва тасдиқ кардани барномаҳои маҳаллӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дар ҳудуди идоравӣ (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

гузарондани тадбирҳои амалӣ дар сурати таҳдиди пайдоиши садамаҳои радиатсионӣ ва бартараф кардани оқибатҳои он;

гузаронидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳавасмандкунии иқтисодии фаъолияти шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар таъмини бехатарии радиатсионӣ;

тасдиқи тадбирҳои дарозмуддат ва аввалиндарача вобаста ба мувофиқ гардонидани партовгоҳҳо ба меъёрҳои байналмилалии бехатарии радиатсионӣ;

ташкил ва назорат ба иҷрои тадбирҳо бобати таъмини бехатарии радиатсионӣ дар ҳудуди идоравӣ (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

анҷом додани назорат ба иҷрои талабот ба ҳуҷҷатҳои меъёрии таъмини бехатарии радиатсионӣ;

иҷрои дигар салоҳиятҳо тибқи ҳамин Қонун ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Бамеъёрдарории давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Бамеъёрдарории давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ тавассути муқаррар намудани қоидаю меъёрҳои санитарӣ, меъёрҳои гигиенӣ, қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ, стандартҳои давлатӣ, меъёрҳои сохтмон ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат, ҳуҷҷатҳои фармоишӣ, дастурӣ, методӣ оид ба бехатарии радиатсионӣ анҷом дода мешавад. Санадҳои мазкур набояд хилофи муқаррароти ҳамин Қонун бошанд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар (миқдори ниҳоии иҷозатдодашуда) меъёрҳои асосии гигиении зайл муқаррар карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190):

барои аҳолӣ миқдори таъсирбахши миёнаи солона ба 0,001 зиверт баробар аст ё миқдори ниҳоии иҷозатдодашуда дар тӯли ҳаёт (70 сол) 0,07 зиверт мебошад; дар солҳои алоҳида, ба шарте, ки миқдори таъсирбахши миёнаи солона барои панҷ соли пай дар пай аз 0,001 зиверт зиёд набошад, бузургии бештари миқдори ниҳоӣ иҷозат дода мешавад;

барои кормандоне, ки ба таври доимӣ ё муваққатӣ бевосита бо манбаи афканишоти ионофар кор мекунанд, миқдори ниҳоии иҷозатдодашудаи миёнаи солона ба 0,02 зиверт баробар аст, ё миқдори ниҳоии иҷозатдодашуда дар давраи фаъолияти меҳнатӣ (50 сол) 1 зиверт мебошад; шуоъхӯрии иҷозатдодашуда ба миқдори ниҳоии иҷозатдодашудаи солонаи то 0,05 зиверт ба шарте, ки агар миқдори ниҳоии иҷозатдодашудаи ҳисоби миёнаи солона дар 5 соли пай дар пайи охир аз 0,02 зиверт бештар набошад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Аҳамияти ба тартиб даровардани миқдори асосии ниҳоии шуоъхӯрӣ, миқдори тавассути заминаи табиии радиатсионӣ ё тағйироти техногении бавуҷудоянда, инчунин миқдореро, ки шаҳрвандон (беморон) ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббии рентгену радиологӣ ё муоличa мубтало гаштаанд, дар бар намегирад. Аҳамияти зикргардидаи миқдорҳои ниҳоии шуоъхӯрӣ ҳангоми муқаррар намудани сатҳи иҷозатдодашудаи шуоъхӯрии организми инсон ё узвҳои алоҳидаи он ниҳоӣ мебошанд.

Меъёрҳои (миқдори ниҳоии иҷозатдодашуда) асосии гигиении дар моддаи мазкур муқарраргардидаи шуоъхӯрии аҳолӣ, барои минтақаҳои алоҳида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати камшавии онҳо, бо дарназардошти вазъияти мушаххаси санитарию гигиенӣ ва экологӣ, вазъи саломатии аҳолӣ ва дараҷаи таъсири омилҳои дигари муҳити зист ба инсон, метавонад тағйир ёбанд.

Қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ, ки талаботро оид ба таъмини бехатарии техникӣ ҳангоми кор бо маводи радиоактивӣ ва дигар манбаъҳои афканишоти ионофар танзим менамояд, аз тарафи мақоми танзимкунандаи давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда мешаванд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Стандартҳои давлатӣ, меъёр ва қоидаҳои сохтмон, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, ҳуҷҷатҳои дастурӣ, методӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё ташкилотҳои ба он ваколатдор дар доираи салоҳияташон қабул ва тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 9. Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияташон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 10. Назорати истеҳсолӣ ба таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Ташкилотҳое, ки манбаъҳои афканишоти ионофар истифода мебаранд, ба таъмини бехатарии радиатсионӣ назорати истеҳсолӣ мегузаронанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Тартиби гузарондани назорати истеҳсолӣ барои ҳар ташкилот бо дарназардошти хусусиятҳо ва шароити иҷрои корҳо муайян гардида, ба мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки идора, бозрасӣ ва назоратро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ анҷом медиҳанд, ба мувофиқа расонида мешавад.

Хадамоти радиатсионии ташкилотҳое, ки назорати истеҳсолиро ба таъмини бехатарӣ ва ҳифзи радиатсионӣ анҷом медиҳанд, ҳақ доранд ҳангоми ошкор намудани вайронкунии меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботи беҳдоштӣ, қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ, меъёру қоидаҳои сохтмонӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, санадҳои амрдиҳанда, дастурӣ, методӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дар ташкилотҳои дахлдор, то рафъи вайронкории ошкоршуда, гузарондани корҳоро бо манбаъҳои афканишоти радиатсионӣ нигоҳ доранд.

**Моддаи 11. Назорати давлатии объектҳои истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Объектҳои истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳти назорати давлатии экологӣ, радиатсионию гигиенӣ ва техникӣ қарор гиранд.

## БОБИ 3. ТАЛАБОТ ОИД БА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

**Моддаи 12. Чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ**

Бехатарии радиатсионӣ бо роҳҳои зайл таъмин карда мешавад:

гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, муҳандисию техникӣ, санитарию гигиенӣ, тиббию пешгирикунанда, тарбиявӣ ва маърифатӣ;

аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ гузаронидани чорабиниҳо оид ба риояи қоидаю меъёрҳо дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ;

иттилоъ додан ба аҳолӣ дар бораи ҳолати радиатсионӣ ва чорабиниҳо ҷиҳати таъмини бехатарии радиатсионӣ;

таълими аҳолӣ бо усул ва воситаҳои пешгирӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ.

**Моддаи 13. Баҳодиҳии ҳолати бехатарии радиатсионӣ**

Баҳодиҳии ҳолати бехатарии радиатсионӣ ҳангоми банақшагирӣ ва иҷрои чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ ва таҳлили самарабахшии чорабиниҳои зикргардида аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоти давлатие, ки танзимро дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ анҷом медиҳанд, инчунин истифодабарандагони манбаъҳои афканишоти ионофар, гузаронида мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Баҳодиҳии ҳолати бехатарии радиатсионӣ нишондиҳандаҳои асосии зайлро дар бар мегирад:

тавсифи олудашавии радиоактивии муҳити зист;

таҳлили таъмини чорабиниҳо оид ба бехатарии радиатсионӣ ва иҷрои меъёру қоидаҳо ва меъёрҳои гигиении бехатарии радиатсионӣ;

эҳтимолияти садамаҳои радиатсионӣ ва миқёси он;

сатҳи омодагӣ барои рафъи садамаҳои радиатсионӣ ва оқибатҳои он;

таҳлили миқдори шуоъхӯрӣ, ки кормандон ва аҳолӣ метавонанд аз ҳамаи манбаъҳои афканишоти ионофар гиранд, гирифтаанд ё гирифта метавонанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

теъдоди шахсоне, ки аз меъёрҳои миқдори асосии муқарраргардида, бештар гирифтори шуоъхӯрӣ гардидаанд.

Натиҷаҳои баҳодиҳии бехатарии радиатсионӣ аз тарафи мақомоти давлатии иҷозатдиҳанда (литсензиядиҳанда) таҳлил мешаванд ва ҳар сол ба шаҳодатномаҳои радиатсиониву гигиении истифодабарандаи манбаъҳои афканишоти ионофар сабт мегарданд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Тартиби пешбурди шаҳодатномаи радиатсионию гигиениро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 14. Таъмини бехатарии радиатсионӣ ҳангоми таъсири радионуклеидҳои табиӣ**

Интихоби қитъаҳои замин, тарҳрезӣ ва сохтмони биною иншоотҳо бояд бо дарназардошти пешгирии воридшавии радионуклеидҳои табиӣ ба фазои (ҳавои) биноҳо анҷом дода шавад.

Истеҳсоли маводи сохтмон, қабули бино ва иншоот барои истифода, истифодаи бино ва иншоот бояд бо дарназардошти ҳаҷми мавҷудияти таркиби радионуклеидҳои табиӣ дар фазои (ҳавои) биноҳо анҷом дода шавад.

Истифодаи маводи сохтмон ва маҳсулоте, ки ба меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ ҷавобгӯ намебошанд, манъ аст.

Шуоъхӯрии аҳолӣ ва кормандон аз радионуклеидҳои табиӣ дар биноҳои истиқоматӣ ва истеҳсолӣ набояд аз меъёрҳои муқарраргардида бештар бошад.

**Моддаи 15. Таъмини бехатарии радиатсионӣ ҳангоми истеҳсоли маводҳои ғизоӣ ва истеъмоли оби нӯшокӣ**

Ашёи озуқаворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, оби нӯшокӣ, мавод ва таҷҳизоти дар ҷараёни тайёр кардан, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл ва фурӯш бо онҳо робитадошта, бояд ба талаботи таъмини бехатарии радиатсионӣ ҷавобгӯ бошанд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

**Моддаи 16. уҳдадории истифодабарандаи манбаъи афканишоти ионофар ҷиҳати таъмини бехатарии радиатсионӣ**(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Истифодабарандаи манбаъи афканишоти ионофар уҳдадор аст(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190):

талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ риоя намояд;

бобати таъмини бехатарии радиатсионӣ ва ҳифзи манбаъҳои афканишоти ионофар тадбирҳо ба нақша гирад ва амалӣ намояд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

анҷом додани корҳо ҷиҳати асоснок намудани бехатарии радиатсионии маҳсулот, мавод, равандҳои технологӣ ва истеҳсолоти нав (модерншуда), ки манбаъҳои афканишоти ионофар мебошанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

анҷом додани назорати мунтазами истеҳсолӣ ба ҳолати радиатсионӣ дар ҷойҳои кор, биноҳо, ҳудуди ташкилотҳо, дар минтақаҳои назорат, инчунин ба партофтан ва хориҷ кардани маводи радиоактивӣ;

анҷом додани назорат ва баҳисобгирии мунтазами миқдори инфиродии шуоъхӯрии кормандон;

тайёр кардан ва гузаронидани аттестатсияи мансабдорон ва кормандон, мутахассисони хадамоти назорати истеҳсолии радиатсионӣ, шахсони дигар, ки ба таври доимӣ ё муваққатӣ бо манбаъҳои афканишоти ионофар кор мекунанд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

гузаронидани муоинаҳои пешакӣ (ҳангоми дохилшавӣ ба кор) ва даврии тиббии кормандон;

кормандонро мунтазам оиди дараҷаи афканишоти ионофар дар ҷойҳои кориашон ва андозаи миқдори шуоъхӯрии инфиродӣ огоҳ намояд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

сари вақт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатие, ки ваколати идоракунӣ, назорат ва бозрасиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дорад, дар бораи шароитҳои фалокат, вайроншавии низоми технологие, ки ба бехатарии радиатсионӣ таҳдид менамояд, ахборот диҳад; хулоса, қарор ва амри шахсони мансабдор, мақомоти ваколатдори давлатӣ,

ки идора, назорат ва бозрасиро дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ анҷом медиҳанд, иҷро намояд;

татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ таъмин намояд.

### Моддаи 17. Назорат ва баҳисобгирии миқдори инфиродии шуоъхӯрӣ

Назорат ва баҳисобгирии миқдори инфиродии шуоъхӯрие, ки шаҳрвандон ҳангоми истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар, гузаронидани амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ, инчунин дар натиҷаи заминаи тағйирёфтаи табиии радиатсионӣ ё техногенӣ мубтало гаштаанд, дар доираи системаи ягонаи давлатии назорат ва баҳисобгирии миқдори инфиродии шуоъхӯрӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис мееёбад, анҷом дода мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

### Моддаи 18. Таъмини бехатарии радиатсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ

Миқдори шуоъхӯрии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ бояд ба меъёрҳои муқаррargardидаи бехатарии радиатсионӣ мувофиқ бошанд.

Ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ бояд воситаҳои ҳифзи шаҳрвандон истифода бурда шавад.

Бо талаби шаҳрванд ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ ба ӯ дар мавриди миқдори шуоъхӯрии дар назар дошташуда ё гирифташаванда ва оқибатҳои эҳтимолӣ имконпазир маълумот дода мешавад.

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад аз амалиёти тиббии рентгенорадиологӣ, ба истисноии ташхиси пешгирикунандае, ки бо мақсади ошкор намудани бемориҳои аз нигоҳи эпидемиологӣ хатарнок гузаронида мешавад, даст кашад.

### Моддаи 19. Минтақаи санитарию муҳофизатӣ ва минтақаи назорат

Бо мақсади ҳифзи шаҳрвандон ва муҳити зист дар маҳалҳои ҷойгиршавии иншооти истифодабарандаи манбаъҳои афканишоти ионофар, минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ва минтақаи назорат муқаррар карда мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Андоза ва ҳудуди минтақаи санитарию муҳофизатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ ба мувофиқа расонида шуда, муайян карда мешаванд.

Дар минтақаи санитарию муҳофизатӣ сукунати доимӣ ё муваққатии одамон, чаронидани чорво ва паррандаҳои хонагӣ, инчунин ҷойгиронии иншооти истеҳсолӣ ва дигар иншооте, ки бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар алоқаманд нестанд, манъ мебошад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Истифодаи бино ва иншооти дар минтақаи санитарию муҳофизатӣ мавҷуда, барои мақсадҳои ҳоҷагидорӣ, дар сурати тағйир додани самти фаъолияти онҳо, бо пешниҳоди истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Минтақаи назорат, андоза ва ҳудуди он аз ҷониби истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар муайян гардида, бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии танзимкунандаи соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ, ба мувофиқа расонида мешавад(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Дар минтақаи назорат ва санитарию муҳофизатӣ амали тадбирҳои оид ба пешгирии садамаҳои радиатсионӣ татбиқ мегардад.

**Моддаи 20. Нигаҳдорӣ ё гӯронидани партовҳои радиоактивӣ**(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Интихоби ҷой барои нигоҳдорӣ ё гӯронидани партовҳои радиоактивӣ бо дарназардошти таъмини бехатарии радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист, аз ҷумла шароитҳои гидрогеологӣ, геоморфологӣ, тектоникӣ ва зилзилавӣ, дар тӯли тамоми мӯҳлати гӯронидани партовҳо, баинобатгирии дурнамои дарозмӯҳлат сурат гирифта, дар ин маҳал аломати шартии огоҳкунанда гузошта мешавад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Истифодабарандагони қаъри замин барои ба даст овардани ашёи радиоактивӣ ва анборкунии (гӯронидани) партовҳо, танҳо корхонаҳои давлатӣ буда метавонанд.

Тартиби ташкили ҷамъоварӣ ва гӯронидани партовҳои радиоактивиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 21. Таъмини ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроӣ**

Таъмини ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроӣ ҳангоми ҳама гуна навъи муносибат ба онҳо, ҳатмӣ мебошад.

ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроӣ аз ҷониби истифодабарандагони манбаи афканишоти ионофар таъмин карда мешавад.

Таъмини ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроӣ системаи ягонаи банақшагирӣ ва татбиқи маҷмуи тадбирҳои техникӣ ва ташкилии барои мақсадҳои зайл нигаронидашударо дар бар мегирад:

пешгирии воридшавии ғайриқонунӣ ба ҳудуди ҷойгиршавии маводи радиоактивӣ ва ядроӣ, ҳамчунин ғорат ё вайрон кардани он;

ошкор намудан ва баргардонидани маводи радиоактивӣ ва ядроии гумкардашуда ё ғоратшуда.

Назорати таъмини ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Тартиби таъмини ҳифзи маводи радиоактивӣ ва ядроиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 22. Талабот оид ба ҳамлу нақли маводи ядроӣ ва моддаҳои радиоактивӣ**

Ҳамлу нақли маводи ядроӣ ва моддаҳои радиоактивӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ба ҷо оварда мешавад.

Қоидаҳои ҳамлу нақли маводи ядроӣ ва моддаҳои радиоактивӣ бояд ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва масъулиятҳои борфирист, борбар ва боргир, тадбирҳои бехатарӣ, ҳифзи ҷисмонӣ, системаи тадбирҳои мувофиқакардаи роҳ надодан ба ҳодисаҳо ва садамаҳои нақлиётӣ, талабот нисбати бастубандӣ, тамғагузорӣ ва воситаҳои нақлиёт, инчунин тадбирҳои пешгирӣ ва барҳамдиҳии оқибатҳои садамаҳои эҳтимолиро пешбинӣ намоянд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

## БОБИ 4. ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ ҲАНГОМИ САДАМАИ РАДИАТСИОНӢ

**Моддаи 23. уҳдадории ташкилотҳо дар соҳаи таъмини ҳимояи аҳолӣ ва кормандон аз садамаи радиатсионӣ** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Ташкилотҳое, ки дар онҳо рух додани садамаҳои радиатсионӣ имконпазир аст, вазифадоранд инҳоро дошта бошанд:

номгӯи садамаҳои эҳтимолии радиатсионӣ, бо пешгӯии оқибатҳои он ва дурнамои ҳолати радиатсионӣ;

меъёри қабули қарор ҳангоми рух додани садамаи радиатсионӣ;

воҳидҳои садамавию наҷотдиҳанда ва махсуси ғайринизомии мудофиаи гражданӣ, ки аз шумули кормандони истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар таъсис дода мешаванд(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

нақшаи чорабиниҳои оид ба ҳимояи кормандон ва аҳолӣ аз садамаҳои радиатсионӣ ва оқибатҳои он, ки бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти давлатии танзимкунанда дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ ба мувофиқа расонида шудааст (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

воситаҳои огоҳонӣ барои таъмини рафъи оқибатҳои садамаҳои радиатсионӣ;

воситаҳои тиббии пешгирии осебҳои радиатсионӣ ва воситаҳои расонидани кӯмаки тиббӣ ба зарардидагони садамаи радиатсионӣ.

**Моддаи 24. уҳдадориҳои истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар ҳангоми садамаи радиатсионӣ**(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Ҳангоми садамаи радиатсионӣ истифодабарандаи манбаи афканишоти ионофар вазифадор аст(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190):

оид ба ҳифзи кормандон ва аҳолӣ аз садамаи радиатсионӣ ва оқибатҳои он иҷрои чорабиниҳоро таъмин намояд;

оид ба садамаи радиатсионӣ мақомоти давлатиеро, ки назорати давлатӣ ва тафтишро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ анҷом медиҳанд, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро огоҳ созад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190);

оид ба расонидани кӯмаки тиббӣ ба осебдидагон тадбирҳо андешад;

манбаъи олудагии радиоактивиро барҳам дода, ба муҳити зист паҳн гардидани маводи радиоактивиро пешгирӣ намояд;

таҳлил гузаронида, дурнамои инкишофи садамаи радиатсионӣ ва тағйирёбии вазъияти садамаи радиатсиониро таҳия намояд;

баъди рафъи садамаи радиатсионӣ оид ба мӯътадилгардонии ҳолати радиатсионӣ тадбирҳо андешад.

**Моддаи 25. Шуоъхӯрии баланди банақшагирифташудаи шаҳрвандоне, ки барои рафъи оқибатҳои садамаи радиатсионӣ ҷалб шудаанд**

Шуоъхӯрии баланди банақшагирифташудаи шаҳрвандони барои рафъи оқибатҳои садамаи радиатсионӣ ҷалбгардида, корҳои садамавию наҷот ва дезактиватсия метавонад, танҳо ҳангоми зарурати наҷотдиҳии одамон ва пешгирии шуоъхӯрии бештари онҳо анҷом дода шавад.

Шуоъхӯрии шаҳрвандони барои рафъи оқибатҳои садамаҳои радиатсионӣ ҷалбшуда аз миқдори миёнаи солонаи меъёрҳои асосии беҳдоштии шуоъхӯрӣ барои кормандон, ки моддаи 8 ҳамин Қонун муқаррар намудааст, набояд аз даҳ маротиба бештар бошад.

Шуоъхӯрии баланди банақшагирифташудаи шаҳрвандони барои рафъи оқибатҳои садамаи радиатсионӣ ҷалбшуда, танҳо як маротиба дар давраи зиндагии онҳо, бо хоҳиши ихтиёрии онҳо ва огоҳонии пешакӣ оид ба эҳтимоли миқдори шуоъхӯрӣ ва хатар ба саломатиашон, иҷозат дода мешавад.

Намудҳо ва андозаҳои ҷубронпулиро барои хатарнокии зиёд ва пардохтани зараре, ки тавассути таъсири радиатсионӣ ба саломатии шахсони барои иҷрои корҳои зикргардида ҷалбшуда расонда шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## **БОБИ 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ВА ИДТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

### Моддаи 26. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба бехатарии радиатсионӣ

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба бехатарии радиатсионӣ ҳуқуқ доранд. Ин ҳуқуқ тавассути гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо ҷиҳати пешгирии аз меъёрҳои муқарраргардида бештар нарасонидани таъсири радиатсияи афканишоти ионофар ба организми инсон, иҷрои қоида, меъёрҳо ва талаботи вобаста ба таъмини бехатарии радиатсионӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки фаъолияти истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофаро анҷом медиҳанд, таъмин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

Шаҳрвандон ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳояшон оид ба бехатарии радиатсионӣ метавонанд ба мақомоти дахлдори давлатӣ ё ба суд муроҷиат кунанд.

### Моддаи 27. Ҳуқуқи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба гирифтани маълумот оид ба ҳолати радиоактивӣ

Шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд дар доираи вазифаҳои иҷрошаванда оид ба ҳолати радиоактивӣ ва тадбирҳои андешидашудаи ҷиҳати таъмини ҳолати радиатсионӣ дар ташкилоте, ки фаъолиятро бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар анҷом медиҳанд, маълумоти хаттӣ ва даҳонӣ гирифта метавонанд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

**Моддаи 28. Имконияти ворид шудан ба ҳудуди ташкилоте, ки фаъолиятро бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар анҷом медиҳад**(Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди ташкилотҳое, ки фаъолиятро бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар анҷом медиҳанд, ҳуқуқи ворид шудан доранд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

**Моддаи 29. Ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди ҳамшафати ташкилоти бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар фаъолиятдошта зиндагӣ мекунанд** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди ҳамшафати ташкилоти бо истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофар фаъолиятдошта зиндагӣ мекунанд ва дар онҳо имконпазирии зиёд будани миқдори асосии ниҳоии муқаррарнамудаи ҳамин Қонун имконпазир аст, ба ҳифзи иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Тартиби таъмини чораҳои ҳифзи иҷтимоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 30.Ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҷуброни зарари ба саломатӣ ва амволи онҳо аз афканишоти ионофар ва садамаи радиатсионӣ расонидашуда** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Шаҳрвандон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуброни зарари расонида ба саломатӣ ва амволи онҳо дар натиҷаи шуоъхӯрии зиёда аз миқдори ниҳоии муқаррарнамудаи ҳамин Қонун аз афканишоти ионофар, инчунин садамаи радиатсионӣ ҳуқуқ доранд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

**Моддаи 31. уҳдадории шаҳрвандон дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ** (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190)

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, уҳдадоранд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190):

талаботи таъмини бехатарии радиатсиониро риоя намоянд:

оид ба таъмини бехатарии радиоатсионӣ тадбирҳо андешанд ё дар анҷом додани чунин тадбирҳо иштирок кунанд;

талаботи мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки идораи давлатӣ ва назорати давлатиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ анҷом медиҳанд, иҷро кунанд.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 32. Масъулият барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба бехатарии радиатсионӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба бехатарии радиатсионӣ гунаҳкоранд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҷаримабандӣ шахсони гунаҳкорро аз уҳдадории рафъи қонунвайронкуниҳо, ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон расонида ва ё хароҷотҳои онҳо, инчунин аз ҷуброни зиёни ба шахсони ҳуқуқӣ дар натиҷаи садамаи радиатсионӣ расонида, озод наменамояд (Қонуни ҶТ аз 1.10. 2025 №2190).

### Моддаи 33. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур баъд аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. Раҳмонов**

**ш. Душанбе**

**1 августи соли 2003 № 42**